Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино

# Шартномаи коллективӣ байни Раёсат ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар солҳои 2018-2020

Душанбе-2018

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Шартномаи коллективии байни Донишгоҳ ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони донишгоҳ барои солҳои 2018-2020 қабул карда мешавад. Шартномаи коллективӣ санади меъёрию ҳуқуқӣ буда, муносибати меҳнатӣ ва иҷтимоиро дар байни Раёсати донишгоҳ ва коллективи кормандони ДДТТ номи Абӯалӣ ибни Сино танзим мекунад, ки он ифодакунандаи шакли муҳими такмилдиҳии усули демократии идоракунӣ мебошад.

1.2. Мақсади асосии Шартномаи коллективӣ байни Тарафҳо ин илова ба асноди қонунгузорӣ ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ, муқаррар намудани шароити меҳнат, шуғл, кафолати иҷтимоӣ ва бо ин васила бо меҳнати пурмаҳсулу самаранок ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар корҳои таьлиму тарбия, илм, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, корҳои маданию маишӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, ба танзим даровардани давомнокии вақти корӣ ва вақти истироҳат, тартиби дохилии меҳнат ва муҳофизати меҳнат, беҳтар намудани зисти иҷтимоии собиқадорон, маъюбон, нафақахӯрон, ташкил намудани шароити моддӣ барои фаъолияти Кумитаҳои иттифоқи касабаи кормандони донишгоҳ мебошад.

1.3. Тарафҳои шартнома:

Аз ҷониби корфармо - Ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино (минбаъд - Ректор) ва аз тарафи кормандон - Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон (минбаъд кумитаи иттифоки касаба)

1.4. Ба Шартномаи коллективии мазкур тағйироту иловаҳо бо мувофиқаи тарафҳо пешниҳод ва ворид карда мешавад.

1.5. Шартномаи коллективӣ аз рӯзи қабул шуданаш эътибор пайдо карда, муддати се соли тақвимӣ амал менамояд ва дар Донишгоҳ санади меъёрии асосии ҳуқуқӣ мебошад.

## 2. Вазифаю ухдадорихои тарафхо:

2.1. Тарафҳо ҳайати комиссияи иборат аз шумораи баробари намояндагонро муайян мекунанд ва он ба расмият даровазрда мешавад;

2.2. Ҳамаи фасл ва бандҳои дар Шартномаи коллективӣ дарҷшуда, аз ҷумла дар мухлати муайян иҷро шудани онро намояндагон назорат мекунанд;

2.3. Тарафҳо, ҳар сол моҳи феврал дар маҷлиси умумии (конференсияи) коллективи кормандони Донишгоҳ аз иҷрои Шартномаи коллективӣ ва харочоти маблағҳо ба аъзоён ҳисобот медиҳанд;

## 3. Ҳимояи иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ.

3.1. Пазируфтани муаллимони бо таҷрибаи кафедраҳоро ҳамчун ҳамкор дар ҳолати мавҷуд будани соатҳои иловагӣ-таълимӣ.

3.2. Бо мақсади бо кор таъмин ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифз намудани кормандони донишгоҳ ва баланд бардоштани маоши кормандон, фаъолияти кории онҳо дар асоси шартномаи меҳнатӣ дар доираи сарборӣ соатҳои коркардашуда пардохта мешавад.

а) ҳар сол аз муоинаи тиббӣ гузаштан.

3.3. Ба кормандон ва мутахасисони ҷавоне, ки мувофиқи роҳхат ба кор фиристода шудаанд, аз рӯи имконият бо хобгоҳи умумӣ тибқи талаботи моддаи 84 кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудан

3.4. Дар мавриди фавти корманд ба оилаи ӯ расонидани кӯмакпулии якдафъаина дар ҳаҷми на камтар аз 10 нишондоди ҳадди аққал ва ҳангоми фавти аъзои оилаи корманд (ҳамсараш, фарзандаш, падару модараш), ки дар таъминоти ӯ мебошанд, додани 6 нишондоди ҳадди аққал (моддаи 343-344 КМҶТ).

3.5. Бинобар сабаби вазъи оилавӣ (хонадоршавӣ, фавти аъзои оила ва хешу табори наздикаш) (моддаи 116 КМҶТ) ба кормандон додани рухсатии кӯтоҳмуддати пардохтнашавандаи иловагӣ (ба муддати 7 рӯз).

3.6. Аз рӯи имкон ба кормандоне, ки рисолаи илмӣ дифо мекунанд, кумаки моддӣ расонидан ва то 3 моҳ додани рухсатии бемузд.

3.7. Баррасӣ ва назорат намудани дурустии харҷи (масрафи) маблағи суғуртаи иҷтимоӣ.

3.8. Баррасии дурусти истифода бурдани маблағи буҷавӣ ва суғурта.

3.9. Риоя кардани кафолатҳои иловагӣ барои занон ва ашхосе, ки вазифаҳои оилавӣ доранд дар доираи КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи моддаи 222-и кодекси мазкур.

3.10. Мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда ба кормандоне, ки бо корҳои шароиташон зарарнок машғуланд, ба таври ройгон додани либос ва пойафзоли махсус, хилъат, дастпушакҳои гуногун барои корҳои вазифавӣ, сачоқ, маводҳои шустушуй ва ғайра. Дар баробари ин назорат намудани имтиёзҳое, ки асноди қонунгузорӣ муайян кардааст, (рухсатии иловагӣ) рӯзи кории кӯтоҳ, ғизои махсус, изофамаош).

3.11. Бо мақсади истифодаи пурраи воситаҳои суғуртаи иҷтимоӣ барои табобати санаторӣ-курортӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол дар ҳаҷми 1,4% ба суратҳисоби бонкии кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касаба мегузарад. Ташкил намудани истироҳати табобатӣ ва фароғатии кормандони донишгоҳ.

## 4. Ҷори кардани шакли дурусти ташкили меҳнат ва музди кор.

4.1. Саривақт пардохт намудани музди моҳонаи кормандони Донишгоҳ.

4.2. Ба кормандон пардохтани музд барои кори зиёда аз вақти муқаррарӣ, кор дар рузҳои истироҳат ва ид ба андозаи ду баробари маоши муайяншудаи вазифавиашон (мувофиқи моддаи 154-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон) додани музди меҳнат.

4.3. Мукофотонидани кормандони Донишгоҳ ва ҳавасмандкунии ихтироъкорон ва расионализаторон; ҳавасмандкунии ғолибони озмунҳо; кормандоне, ки дар корҳои таълимию методӣ ба нишондиҳандаҳои баланд ноил гаштаанд ва онҳое, ки дар баланд бардоштани обрую эътибори Донишгоҳ мусоидат намуданд (мувофиқи моддаи 61-и КМ ҶТ).

## 5. Ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, муҳофизати меҳнат,
## интизоми меҳнат.

5.1. Рухсатии асосии ҳарсолаи камтарин ва давомнокии на камтар тибқи шартномаи меҳнатӣ рухсатии ҳарсола пардохтшавандаи иловагӣ ба шахсоне, ки собиқаи умумии меҳнатиашон:

аз 5 то 10 сол - 3 рӯзи тақвимӣ
аз 10 то 15 сол - 5 рӯзи тақвимӣ
аз 15 то 20 сол - 10 рӯзи тақвимӣ
аз 20 сол зиёд - 15 рӯзи тақвимӣ мебошад, дода шавад.

5.2. Ба коргароне, ки ба кор қабул мешаванд, оид ба қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат ва Шартномаи коллективӣ маълумот дода шавад.

5.3. Ба таври мунтазам ва доимӣ гузаронидани омӯзиш ва санҷиши ҷойҳои кори кормандоне, ки ҷои корашон зарарнок ва хатарнок аст.

5.4. Таъмин намудани дараҷаи зарурии равшании синфхонаҳо, утоқҳои корӣ.

5.5. Бо гармӣ таъмин намудани утоқҳо ва биноҳои маъмурию таълимӣ.

5.6. Сари вақт гузаронидани ҳама намуди машваратҳо роҷеъ ба ҳифзи меҳнат ва чораҳои пешгирии сӯхтор.

5.7. Мусоидат намудан дар мустаҳкам кардани интизоми меҳнатӣ дар раванди таълим.

5.8. Кормандоне, ки уҳдадориҳои Шартномаи коллективӣ ва тартиботи қоидаҳои дохилии донишгоҳро худсарона риоя намекунанд мувофиқи КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарордоди меҳнатӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ-интизомӣ ва моддӣ, аз он ҷумла сарзаниш, танбеҳ, маҳрум кардан аз мукофот ва маҳрум кардан аз маблағҳои хусусӣ аз як то се моҳ ба андозаи аз 25% то 50% кашида мешаванд.

5.9. Новобаста ба истифодаи чораҳои ҷазои интизомӣ метавон як қатор чораҳои дорои таъсири маънавию моддии зеринро истифода кард:

- мукуфотпулиро аз рӯи натиҷаи кори як моҳа пардохт накардан;

- аз фоидаи соли ҳисоботӣ, ки дар ихтиёри корхона ва буҷети иттифоқи касаба мемонад, ёрии яквақтаро пардохт накардан;
- рухсатии навбатиро дар давраи аз моҳи май то сентябр надодан;
- ба истироҳатгоҳ, санатория ва пансионатҳо роҳхатҳои имтиёзнок надодан;
- давомнокии рухсатиро ба шумораи рӯзҳои ба кор набаромада, кам кардан. Дар ин маврид ба назар гирифта шавад, ки давомнокии рухсатии боқимонда бояд аз 24 рӯзи тақвимӣ кам набошад.

5.10. Кормандон ва мутахасисоне, ки бо хобгоҳи умумӣ тибқи созишномаи мӯҳлатноки меҳнатӣ таъмин карда шудаанд, дар ҳолати корро қатъ кардаанд ё интизоми истифодабарии хобгоҳро риоя накардаанд, бояд аз хобгоҳи умумӣ тибқи талаботи моддаи 86 кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шаванд.

5.11. Ҷудо намудани маблағ (фонди муҳофизати меҳнат) барои муҳофизати меҳнат ва техникаи бехатарӣ мувофиқи чорабиниҳо дар ин самт.

5.12. Гузаронидани машварати дастурдиҳӣ барои ҳамаи шахсони нав ба кор қабул шуда, инчунин кормандоне, ки ба кори дигар гузаронида мешаванд.

5.13. Баъди муоинаи тиббӣ ба кор қабул кардани занон ва минбаъд ҳар сол аз муоинаи тиббӣ гузаронидани онҳо.

5.14. Бурдани назорат оид ба риоя кардани талаботи муҳофизати меҳнат аз ҷониби кормандон.

5.15. Муҳайё кардани шароити меҳнат, таҳсил, гузаронидани корҳои таълимию тадқиқотии ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ ва мувофиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ муқаррар кардашуда.

5.16. Баҳри мустаҳкам намудани интизоми меҳнатӣ ва беҳтар гардонидани вақти корӣ дар кафедраҳои донишгоҳ гузаронидани чорабиниҳо, аз ҷумла рӯзи интизоми меҳнат.

## Қисми 6. Фаъолияти иқтисодӣ ва молиявию хоҷагӣ.

6.1. Маъмурият бо якҷояги коллективи меҳнатӣ вазифадор аст, ки уҳдадориҳои беҳ кардани натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ ва баланд бардоштани самаранокии меҳнатро бо назардошти нишондиҳандаҳои солҳои 2015-2017, иҷро намоянд.

6.2. Маъмурият метавонад бо шахсони алоҳида мувофиқи номгӯи категорияҳои коркунон (замимаи №1) шартнома бандад, ки иҷрои вазифа ё кори онҳо бе восита ба нигаҳдорӣ ва дар раванди истеҳсолот истифода бурдани арзишоти моддӣ вобаста буда, ба камомади ин арзишот дар асоси шартномаи махсуси хаттӣ (моддаи 188 ва 190-и кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба онҳо бовар карда шудааст, пурра ҷавобгар бошанд.

6.3. Ҳар сол Кумитаи иттифоқҳои касабаи кормандон дар маҷлиси раёсати Донишгоҳ ахбор оид ба фаъолияти иттифоқи касабаи кормандон пешниҳод менамояд.

6.4. Харҷномаи маблағҳои ғайрибуҷавӣ дар мувофиқа бо ҳамдигар тартиб дода шуда, маблағи муайян барои масъалаҳои гуногун ба монанди: кумакҳои моддӣ, муолиҷа, харидорӣ намудани доруворӣ ва таҷҳизот, корҳои маданию оммавӣ, варзишӣ, гузаронидани чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ, идҳо ва ғ. истифода мешавад.

## Қисми 7. Муҳлати амали Шартномаи коллективӣ, назорат ва рафти иҷрои он ва ҳамоҳангсозии фаъолияти тарафҳо.

7.1. Иҷрои Шартномаи коллективиро комиссияи чорнафараи намояндагони тарафҳо назорат мекунад.

7.2. Тарафҳо баҳри иҷрои уҳдадориҳои дар Шартномаи коллективӣ кабулшуда, шароитҳои заруририро фароҳам меоваранд.

7.3. Ба Шартномаи коллективии мазкур дар давоми муҳлати амалиаш бо розигии тарафҳо мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи шартнома тағйиру иловаҳо дохил кардан мумкин аст.

7.4. Ба Шартномаи коллективии мазкур бе розигии тарафи дигар дохил кардани тағйироту иловаҳо манъ аст.

7.5. Шартномаи коллективӣ аз лаҳзаи аз ҷониби тарафҳо имзо шуданаш эътибор пайдо намуда, то имзои шартномаи нав амал мекунад.

7.6. Дар давоми муҳлати амалии ҳамин Шартномаи коллективӣ тарафҳо тамоми тадбирҳоеро, ки аз онҳо вобаста аст, ба хотири амалӣ гардидани уҳдадориҳои қабул кардаи худ меандешанд.

**7.7. Шартномаи коллективӣ аз 2 нусха иборат буда, нусхаҳо дар дасти тарафҳо нигоҳ дошта мешавад.**

7.8. Бо розигии тарафҳо метавон ба масъалҳои харҷнома рухсатиҳои меҳнатӣ, андози музди меҳнат, масъалаҳои иҷтимоӣ дар муддати эътибори шартномаи колективӣ таъҷилан тағйироту иловаҳо ворид сохт, дар сурате, ки ин тағйироту иловаҳо ба беҳтар шудани вазъи иҷтимоӣ иқтисодии кормандони донишгоҳ дахл дошта бошад.

7.9. Пешниҳод ва қайдҳои танқидии коркунонро, ки ҳангоми муҳокимаи лоиҳаи шартномаи коллективӣ ворид мегарданд, баррасӣ намояд ва дар муддати як моҳ оид ба натиҷаҳои пешниҳод ва қайдҳои танқидӣ ба коллективӣ меҳнатӣ маълумот диҳад.

7.10. Қарори коллективи меҳнатиро оид ба шахсоне, ки барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномаи коллективӣ ба ҷавобгари маъмури кашида мешаванд, баррасӣ намуда, дар бораи чораҳои андешидашуда ба маъмурияти донишгоҳ маълумот пешниход менамояд.

7.11. Шартномаи коллективӣ аз лаҳзаи тасдиқ шуданаш дар конференси колективии меҳнатӣ эътибор пайдо мекунад ва то лаҳзаи бастани шартномаи нав ё ворид кардани тағироту иловаҳо ба шартномаи колективӣ амал менамояд.

## Қисми 8. Кафолатҳо барои фаъолияти кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳ.

Раёсати Донишгоҳ вазифадор аст:

8.1. Ба шакли ғайринақдӣ дар муҳлати муқарраргардида ба суратҳисоби бонкии кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳ воситаҳои пулӣ гузаронад.

8.2. Барои фаъолияти кумитаи иттифоқи касаба, ба истифодаи ройгон додани биноҳо, воситаи алоқа, инвентар, таҷҳизот ва таъмин намудан бо ахбор оид ба ҳолати кор дар Донишгоҳ.

8.3. Ба кормандоне, ки ба узвияти кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳ интихоб гардидаанд, нигоҳ доштани кафолатҳои иҷтимоӣ, ки бо мувофиқа ба шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ карда шудаанд.

8.4. Ба раис ва аъзои кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳ ҷудо кардани вақт, барои иҷро намудани вазифаҳои ҷамъиятии онҳо ба манфиати коллектив, инчунин ҳангоми таҳсили кутоҳмуддат дар курсҳои такмили ихтисоси иттифоқи касаба, бо нигоҳ доштани музди миёнаи меҳнатӣ бо риояи талаботи Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8.5. Муқаррар намудани меъёри шумораи кормандон, музди маош, вазифа, воҳидҳои корӣ, тағйир додан штатҳо, ба кор барқарор намудан бо ташабуси маъмурият дар асоси кодекси меҳнат ҶТ мувофиқи сарбории корӣ аз кор озод карда мешаванд.

8.6. Ҳангоми ба кор ё аз кор озод намудани кормандон, қарори ташкилотҳои болоӣ ҳатман бо иттифоқи касабаи Донишгоҳ бояд мувофиқа карда шавад, тибқи қоидаҳои 42 ва 44-и Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## Қисми 9. Уҳдадориҳо ва масъулияти иттифоқи касабаи Донишгоҳ.

1. Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон ваколатдор аст аз номи кормандони Донишгоҳ новобаста аз шомил будан ё набуданашон ба аъзои иттифоқи касаба бо Раёсати Донишгоҳ Шартномаи коллективӣ бандад.

2. Санадҳои меъёрӣ, фармонҳо ва супоришҳои ба тартиб расидаи раёсати Донишгоҳ дар хусуси муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, ки бар хилофи уҳдадориҳои Шартномаи коллективианд бори дигар баррасӣ карда мешавад.

3. Дар ҳолати тағйири қонунгузорӣ дар матни Шартномаи коллективӣ дар мувофиқа ворид кардани тағйироту иловаҳо.

4. Шартномаи коллективӣ барои ҳамаи ҷузъҳо ба ҳамаи кормандони Донишгоҳ новобаста аз аъзо будан ба иттифоқи касаба ҳатмист.

5. Ташкил намудани муҳокимаи Шартномаи коллективии мазкур дар сохторҳои марбутаи Донишгоҳ ва маҷлисҳои иттифоқи касаба.

6. Лоиҳаи Шартномаи коллективӣ барои муҳокима ба кафедраҳои Донишгоҳ ва дигар сохторҳои марбута ирсол мегардад.

7. Ҳангоми пайдо шудани нофаҳмиҳо, мухолифат дар рафти иҷрои Шартномаи коллективӣ, барои ҳал ва бартараф кардани он маҷлиси умумии маъмурият ва иттифоқи касаба даъват карда мешавад.

8. Ҳар як ҳолати аз ҷониби кормандони корхона вайрон кардани тартиботи дохилии меҳнат, дуздии моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар маҷлисҳо, коллективҳои меҳнати баррасӣ гардида, чораҳои мувофиқи таъсиррасонӣ, то аз корхона хориҷ кардан тибқи талаботҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабул карда шавад.

9. Бурдани назорат оиди риоя кардани талаботи муҳофизати меҳнат аз ҷониби кормандон.

10. Ҳифзи моддаҳои кодекси меҳнатӣ хангоми аз кор озод кардани кормандон ба ташаббуси маъмурият.

11. Риояи иҷрои санадҳои меъёрӣ, ҳуқуқӣ ва дигар супоришҳои ба тартиб расонидашудаи раёсати донишгоҳро оид ба ҳифзи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кормандон, дар асоси Шартномаи коллективӣ таҳти назорат қарор дода, барои амалӣ гардонидани онҳо масъул мебошад.

**Ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, д.и.т., профессор__________ Гулзода М.Қ.**

**Раиси Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино __________ Расулов С.Н.**